“Тасдиқ менамоям”
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров”
_____профессор Усмонзода А.И.
“5”сентябри 2022с.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба рисолаи номзадии Сафарова Наргис Сайфуддинова дар мавзӯи “Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ” барои дарёфти дараҷаи илмиии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик (равобити адабӣ). – Душанбе, 2022 с.

Таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, ки аз ибтидои садаи ХХ сарчашма мегирад, вобаста ба шароитҳои сиёсиву иҷтимоии давр тағйироти зиёдеро аз сар гузаронид. Дар солҳои 30-юми асри ХХ марказҳои адабӣ аз Бухорою Самарқанд ба пойтахти нави ҷумҳурии тоҷикон – шаҳри Душанбе интиқол ёфтанд ва дар баробари марказ дар минтақаҳои дигари Тоҷикистон – Хуҷанд, Ҳисор, Кӯлоб, Истаравшан, Хоруғ, Қаротегин низ доираҳои адабӣ қувват гирифтанд.

Дар доираи адабии Кӯлоб низ дар ин давра як зумра адибон, ба мисли С. Одиназода, С. Вализода, А. Сафар, С. Ҳакимзода, Ҳ. Ғоиб, А. Қаландар, Х. Вализода, Қ. Раҷаб, М. Ғуломӣ, Х. Ислом, Р. Роғӣ ва дигарон ба эҷоди анвои адабӣ машғул гардида, дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи муносиб пайдо кардаанд. Мутаассифона, ҳаёт ва эҷодиёти адибони доираи адабии Кӯлоб ниҳоят кам мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Бинобар ин муаллифи рисола тасмим гирифтааст оид ба рӯзгору осор ва хусусиятҳои ғоявию бадеии Саидҷон Ҳакимзода таҳқиқот ба анҷом расонад.

Эҷодиёти С. Ҳакимзода тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо, маълумотномаҳо ва тақризҳое, ки ба китобҳои алоҳидаи шоир навишта шудаанд, мавриди нақду баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ин ҷиҳат, маълумотномаҳои С. Табаров, Ф. Каримов, А. Сомонӣ ва М. Салим тақризҳои С. Айюбзодаи Маҳзун (ба маҷмуаи «Сарчашма»), М. Салим (ба

«Гавҳари умед») ҷолиби диққатанд. Ин маълумотномаҳо ва тақризҳо мазмуну мундариҷаи ашъори С. Ҳакимзода ва забону услуби нигориши шоирро ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида, бурду бохти ӯро дар ҷодаи ҳунари сухантирозӣ нишон додаанд. Ҷолиб аст, ки дар ҳама тақризҳо аз табиияту самимият ва равониву ҷаззобии ашъори С. Ҳакимзода сухан рафтааст.

Диссертатсия дар заминаи маҷмуаҳои дар замони зиндагии шоир ва баъд аз вафот интишорёфта, хусусан «Куллиёт» (2009) фароҳам омадааст. Китобҳое (аз нахустмаҷмуа «Лолаи сурх» (1964) то маҷмуаи охирин «Нури чашм» (1999)), ки дар давраи барҳаёт будани шоир аз чоп баромадаанд, ҳамаи таълифоти С. Ҳакимзодаро дар бар нагирифтаанд. Бинобар ин, соли 2009 бо саъю эҳтимоми муҳаррирон М. Ғоиб, А. Раҳим ва мураттиб Ш. Ҳакимзода аз рӯйи маҷмуаҳои дар замони зиндагии шоир интишорёфта ва дастхатҳо кулли ашъори С. Ҳакимзода мураттаб гардидааст.

Рисолаи Сафарова Наргис Сайфуддинова аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳар боб дар навбати худ мувофиқи мундариҷа ба фаслҳои алоҳида гурӯҳбандӣ шудааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки таҳқиқоти мазкур дар омӯзиши назми давраи шуравӣ ва истиқлолияти тоҷик, доира ва маҳфилҳои адабии музофотии Тоҷикистон ва махсусан, тарҷумаи ҳол ва мероси фарогири адабии С. Ҳакимзода мусоидат мекунад.

Боби аввали диссертатсия «Ҳолнома ва мероси адабии Саидҷон Ҳакимзода» унвон дошта, аз се фасл фароҳам омадааст. Фасли аввали боби якум «Зиндагиномаи адиб» номгузорӣ шуда, дар он айёми бачагӣ, таҳсилоту камолот ва дигар масоили рӯзгори шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия «Мероси адабии шоир» ном дорад. Нахустин чакидаҳои хомаи С. Ҳакимзода зери назар ва таҳрири шоири номдори халқӣ С. Вализода дар матбуоти даврии солҳои 50-уми асри гузашта ба табъ расидаанд. Таҳқиқи ашъори С. Ҳакимзода нишон дод, ки шеърҳои

аввалини ӯ – «Домодӣ», «Духтари рус», «Мо сулҳпарастем» соли 1958 интишор ёфтаанд.

Фасли сеюми боби якуми диссертатсия «Нигоҳе ба осори публитсистии Саидҷон Ҳакимзода» унвон гирифтааст. С. Ҳакимзода ҳанӯз, ҳангоме ки муҳассили техникуми маданӣ – равшаннамоии ноҳияи Кӯктош буд, ба рӯзномаҳои даврӣ хабару мақолаҳо менавишт. Адиб дар таълифи ҳама гуна жанрҳои рӯзноманигорӣ – хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистиву бадеӣ қалами бурро, диди гиро ва андешаи фарох дорад. Хабарҳои ӯ бо номҳои «Амонатгузорӣ», «Сохтмони нуқтаҳои савдо», «Таҷҳизоти нав», «Таъмири мактабҳо», «Театри халқӣ», «Номзадҳои арзанда», «Офарин, ҳунарпешагони Боми Ҷаҳон», «Занону духтарони кордон» ва ғайра дар саҳифаҳои газетаи «Ҳақиқати Кӯлоб» солҳои 60-70 интишор гардида, хонандагонро аз воқеа ва рӯйдодҳои наву тозаи ҳаёти рӯзмарраи сокинон, дастовардҳои нав ба нави меҳнатӣ саривақт огоҳ менамоянд. Муаллифи рисола исбот намуд, ки С. Ҳакимзода бо осори фарогир ва серпаҳлую гуногунжанри публитсистияш низ дар ташаккул ва таҳаввули рӯзнома ва рӯзноманигории солҳои 60-80-уми асри ХХ тоҷик ҳиссаи арзанда гузоштааст.

Боби дуюми диссертатсия «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори Саидҷон Ҳакимзода» ном дошта, аз 7 фасл иборат мебошад. Мавзуъҳои ишқу муҳаббат, хушиву хуррамии айёми ҷавонӣ, ситоиши зан ва бузургии модар, қадру қимати фарзанд, самимияту муҳаббат нисбат ба хонавода, манзараҳои пурафсуни диёри офтобӣ – Тоҷикистон, сарнавишти миллат, худшиносию худогоҳии миллӣ, истиқлолият, сулҳу ваҳдат, дӯстию якдилии миллатҳо, панду ҳикмат ва дигар манзараҳои зиндагӣ мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир маҳсуб меёбанд. Ватан ҳамчун зодгоҳ, ҷойи сабзишу нумуъ ва парваришу камолоти инсон бо ҳама паҳлуҳои табииву ифтихорияш аз мавзуъҳои меҳварии ашъори С. Ҳакимзода мебошад. Дар эҷодиёти адибони давраи аввали адабиёти муосири тоҷик чун А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, Ҳ. Юсуфӣ, Б. Раҳимзода мафҳуми Ватан маънои васеъ ва умумӣ дошта, лобалои Иттиҳоди Шуравии бузургро фаро мегирифт.

Муаллифи рисола диққати худро ба мавзуи сулҳу субот ва истиқлолияту вахдат дар ашъори С. Ҳакимзода, ки ҷойгоҳи назаррас доранд, равона кардааст. Ин мавзуъҳо дар эҷодиёти С. Ҳакимзода дар замони истиқлолият аз ҳассостарин дарду доғҳои ҷомеаи шаҳрвандии давр, аз фалсафаи зиндагии халқу миллат маншаъ мегиранд. С. Ҳакимзода аз ҷумлаи аввалин шоиронест, ки кору пайкори ибратомӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон, Президенти муаззами кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро оид ба сулҳу вахдати миллӣ дар эҷодиёти худ мавриди тасвир қарор додааст. Шеърҳои «Чеҳраи субҳ» ва «Меҳрнома» аз муҳаббати бепоёни қаҳрамони ғиноӣ нисбат аз корнамоии фарзонафарзанди миллат қисса мекунанд. Оҳангҳои иҷтимоӣ ва андешаҳои ҳикматбор дар навъҳои гуногуни ашъори С. Ҳакимзода бо сабку нигориши ҷолиб мавриди таҳлилу тасвир қарор гирифтаанд. Андеша ва афкори иҷтимоии С. Ҳакимзода дар силсилашеърҳои «Нури дида» аз қабили «Ман ҳамонам, ки ҳамон мемонам», «Панди Фирдавсӣ», «Шоирон», «Бузургон», «Ҳанӯз мегиряд ин дунё», «Фарёди виҷдон», «Садои ҳақиқат», «Андеша», «Замонсозон», «Муроҷиат», «Зиндагӣ дорем, оре, зиндагӣ», «Духтари тоҷик» ва ғазалиёту рубоиёт ва дубайтиҳо бо дарки амиқи масъулиятшиносӣ таҷассум ёфтаанд. Шоир тасвири манзараҳои пурафсуни табиатро ба вазъу ҳолати дилдодагон омезиш дода, тозабаёнӣ мекунад.

Дар рисола муаллиф абёти пандомӯзи шоир афкори пурмуҳтавои ӯро ҷамъбаст намуда, симои шоирро чун маслиҳатгару раҳнамо ва носеҳу тарбиятгар таҷаллӣ медиҳад. С. Ҳакимзода дар ҳикматофарӣ то ҳадди шоири ҳикматсаро ба камол расидааст.

Боби сеюми диссертатсия – «Хусусиятҳои жанрӣ ва сабкии ашъори Саидҷон Ҳакимзода» аз се фасл таркиб ёфта, оид ба хусусиятҳои жанрии ашъори шоир, забон ва сабки фардии шоир ва ҳунари шоирии ӯ маълумот медиҳад. Жанри маъмултарину писандидатарини адабиёти тоҷик – ғазал дар осори С. Ҳакимзода мавқеи аввалиндараҷа дорад. Маснавиҳои шоир дар вазнҳои гуногун эҷод шуда, мавзуъҳои гуногун: панду ҳикмат, ҳаҷву истеҳзо,

тасвири табиат, ишқу муҳаббатро дар бар мегиранд. Ба сурудани рубой чун жанри писандида ва марғуби адабиёт С. Ҳакимзода ҳанӯз дар айёми ҷавонӣ оғоз намудааст. Мавзуи рубоиёти шоир фароху доманадор буда, хушиву хуррамии рӯзгор, васфи диёри нозанин ва ситоиши ёри меҳнатқарин амсоли онҳост. Муаллиф қайд мекунад, ки С. Ҳакимзода аз зумраи он шоирони хушсаликаест, ки ҳам дар маъниофарӣ, ҳам дар тасвирсозӣ ва ҳам дар истифодаи имконияту зарфиятҳои забон сабки фардии худро пайдо намудааст. Мусаллам аст, ки баъзе калимаву ибораҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик камистеъмоланд ё бори маҳдуди маъно бар дӯш доранд, аммо корбурди дилраси онҳо дар қаламрави водии Кӯлоб, дар байни мардум вижагиҳои фарққунанда доранд. Дар мавзуъ ва мундариҷаи ашъори С. Ҳакимзода татаббуъ ва пайравӣ ба шуарои барҷастаи тоҷик мушоҳида гардад ҳам, аммо дар саноеи адабӣ, ҳунари нигориш, офариниши вожаву таркиб ва ибораҳо қудрат ва тозакориҳои зиёд ба чашм мерасад. Силсилаи ташбеҳот, истиораҳо, киноя̀ҳо, ташхисоту таҷнисот, тарсеот ва махсусан, санъати ирсоли масал дар эҷодиёти С. Ҳакимзода, аз як сӯ, боиси ифодаи пуробуранги афкору андешаҳои шоир шуда бошанд, аз самти дигар, барои бознамоии олами маънавии қаҳрамони ғиной, хулқу атвор, гуфтору пиндор, авзои рӯҳӣ, арзу ниёз, сӯзу гудоз ва монанди инҳо ёрӣ расондаанд.

Муаллиф зимни омӯзиш ва баррасии мавзуъ ба дастовардҳои илмии донишмандон ва муҳаққиқони номвари ватанию хориҷӣ, бахусус, асару мақолаҳои В. Г. Белинский, Б. В. Томашевский, Л. И. Тимофеев, М. М. Бахтин, А. В. Луначарский, С. Шамисо, Ш. Нуъмонӣ, А. Шеъردӯст, С. Табаров, М. Шакурӣ, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён, А. Сатторзода, Х. Асозода, А. Кӯчарзода, А. Маҳмадаминов ва дигарон такя кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик нахустин кори мукаммалу муфассал доир ба зиндагинома, мероси адабӣ ва мундариҷаву услуби бадеии ашъори С. Ҳакимзода маҳсуб меёбад. Аз таҳқиқи шарҳи ҳол ва осори адабии С. Ҳакимзода чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки шоир ба доираи адабии

Кӯлоб иртибот дошта, дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурӣ фаъолона иштирок намуд ва дар рушду нумуи назми нимаи дуюми асри ХХ тоҷик саҳми муносиб гузошт. Дастоварди С. Ҳакимзода дар тасвири бадеӣ, хусусан дар эҷоди ғазал ва дигар навъҳои суннатӣ, ки дар ашъори шоир мавқеи марказӣ пайдо кардаанд, назаррас мебошад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир меёбад, ки хулосаҳои диссертатсия ва маводи он метавонад дар таҳқиқи адабиёти ҳамин давра истифода шавад. Маводи диссертатсия аз тарафи муҳаққиқони баъдӣ зимни пажӯҳиши масъалаҳои ҳамгуни адабиёти муосир мавриди корбурд қарор гирад.

Арзиши амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур дар омӯзиши назми давраи шуравӣ ва истиқлолияти тоҷик, доира ва маҳфилҳои адабии музофотии Тоҷикистон ва махсусан, тарҷумаи ҳол ва мероси фарогири адабии С. Ҳакимзода мусоидат мекунад. Ҳамчунин, диссертатсия дар омӯзиши курси таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва дарсҳои махсуси факултаҳои филологияи муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ истифода бурда мешавад.

Дар хотима муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса меояд, ки ин асар дар оянда барои таҳқиқи ҳаматарафаи ҷиҳатҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик хизмат мекунад.

Аммо, сарфи назар аз муваффақиятҳо дар диссертация баъзе хатою нуқсонҳо ошкор карда шуданд, ки ислоҳи он ба фоидаи кор хоҳад буд.

1. Муқаддимаи кори рисола бояд мутобиқи талаботи таҳқиқоти диссертатсия омода гардад.
2. Дар муқаддима дар “Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ” номи беҳтарин муқаққиқони назми муосири тоҷик ба монанди А.Ҳаким, Ю.Акбаров, А.Абдуманнон оварда шавад.
3. Муҳаққиқони шеъри муосири дигар минтақаҳо, аз он ҷумла Н.Файзуллоев, М.Мирзоюнус, Н.Нурзод ва дигарон ба инобат гирифта шавад.

4. Масъалаҳое, ки дар боби аввал баррасӣ шуданд, ба фикри мо, таҳлили боз ҳам муфассалтар ва ҳаматарафаро талаб мекунанд, зеро онҳо хусусияти энсиклопедӣ доранд.
5. Дар бобҳои дуюм ва сеюми рисола такрори масъалаҳои муҳокимашуда мушоҳида карда мешавад.
6. Бархе аз мисолҳое, ки барои санъати ирсоли масал оварда шудааст бо мисолҳо мушаххас корбаст гардад.

Аммо ин камбудиҳо хусусияти ислоҳшавандагӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ кори илмии Сафарова Наргис Сайфуддиноваро паст намекунанд.

Афтореферат фишурдаи рисоларо фарогир буда, мақолаҳои илмии дарҷшуда низ мазмуну муҳтавои рисоларо пурра дар бар мегирад.

Умуман, рисолаи илмии Сафарова Наргис Сайфуддинова дар мавзӯи "Саидҷон Ҳокимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ" барои дарёфти дараҷаи илмиии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик (равобити адабӣ) ба талаботи КОА – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони илмии номзади илми филология мебошад.

Тақризи рисола ва авторефератро доктори илми филология, профессор З.Ӯлмасова тартиб дода, дар ҷаласаи кафедраи адабиёти муосири МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" аз 05 сентябри соли 2022, протоколи № 1 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Иштирок карданд 15 нафар аъзоёни кафедра, овоз доданд 15 – тарафдор – 15 ,бетараф -0, зид -0

Раиси ҷаласа: мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷик, МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" доктори илми филология, профессор: Ӯлмасова З.Ҳ.

Ташхисгар: номзади илми филология,
дотсенти кафедраи
адабиёти муосири тоҷик Бобоева З.С.

Котиби ҷаласа: номзади илми филология,
дотсенти кафедраи
адабиёти муосири тоҷик Муродова М.Ҷ.

Имзои Ӯлмасова Замирахон, Бобоева Зеварой ва
Муродова Ҷаликахонро
тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ МДТ-и
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.М.

Суроғa: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1
тел: +(992) 927388887
E-mail: ddhkadr@mail.ru